| | |
|---|---|
| Эсхата | **«Тасдиқ шудааст»**<br>аз тарафи Шӯрои нозирони<br>ҶСК «Бонки Эсхата»<br>Пайнавишти<br>№16/2024 аз 16.08.2024 |

# НИЗОМНОМАИ Н–148:2024

оид ба Кумитаи таъинот ва мукофотонии
Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата»

(Таҳрири 01)

**Мавриди амал аз 02.09.2024**

## 1. Мукаррароти умуми

**1.1.** Низомнома дар бораи Кумита оид ба таъин ва мукофотонии Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата» (минбаъд – Низомнома) мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, Оиннома ва ҳуҷҷатҳои дохилии ҶСК «Бонки Эсхата» таҳия шуда, ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи фаъолияти Кумитаҳои Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата» ва муайянкунандаи масъалаҳои ташаккули ҳайати онҳо, салоҳиятҳо ва фаъолияти онҳо ба шумор меравад.

**1.2.** Низомномаи мазкур ҳадафҳо, салоҳият ва ӯҳдадориҳои Кумитаро муайян карда, тартиби ташаккул, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни Кумитаро пешбинӣ менамояд.

## 2. Мақоми ҳуқуқӣ ва салоҳияти Кумита

**2.1.** Кумита мақоми машваратии Шӯрои нозирони Бонк мебошад. Кумита мақоми идоракунии Бонк нест ва ҳуқуқ надорад аз номи Бонк мустақилона амал кунад.

**2.2.** Мақсад аз таъсиси Кумита мусоидат намудан ба фаъолияти пурсамари Шӯрои нозирони Бонк дар ҳалли масъалаҳои дар доираи салоҳияти худ қарордошта мебошад.

**2.3.** Қарорҳои Кумита барои Шӯрои нозирон хусусияти машваратӣ доранд.

**2.4.** Ба салоҳияти Кумита пешниҳод намудани маълумот ва пешниҳодҳо ба Шӯрои нозирони Бонк оид ба масъалаҳои зерин дохил мешавад:

2.4.1. мусоидат ба Шӯрои нозирон дар ҷалби мутахассисони соҳибихтисос ба идоракунии Бонк ва фароҳам овардани ҳавасмандгардонии зарурӣ барои кори муваффақи онҳо;

2.4.2. гузаронидани баҳогузории пешакии номзадхо ба мансабҳои Раиси Раёсат, аъзои Раёсат, роҳбарони сохторҳое, ки ба Шӯрои нозирон итоат мекунанд ва Котиби корпоративӣ;

2.4.3. назорат аз болои иҷрои қарорҳои Шӯрои нозирон оид ба татбиқи сиёсати кадрӣ;

2.4.4. пешниҳоди тавсияҳо оид ба интихоби раиси Раёсат ва аъзои Раёсат, баррасии масъалаҳо оид ба шартҳои ваколатҳои онҳо, андозаи подошпулӣ, пеш аз мӯҳлат қатъ кардани ваколатҳои онҳо, аз ҷумла пеш аз мӯҳлат қатъ кардани шартномаи меҳнатӣ бо онҳо;

2.4.5. таҳияи сиёсат ва принсипҳои пардохти музди меҳнати кормандони роҳбарикунанда барои қабул ва нигоҳ доштани кадрҳо ва мутобиқи вазъи молиявии Бонк, инчунин пардохтҳо ҳангоми қатъи шартномаи меҳнатӣ;

2.4.6. мониторинги самаранокии системаи ҷубронпулӣ ва имтиёзҳо барои кормандони роҳбарикунанда ва мувофиқати он ба накшаҳои стратегии рушди Бонк ва маълумоти бозорӣ:

2.4.7. таҳияи пешниҳодҳо (тавсияҳо) оид ба мукофотпулӣ ба Раис ва аъзои Раёсат ва дигар роҳбарону кормандони Шӯрои нозирони ҳисоботӣ;

2.4.8. ташаккул додани барномаи таълим ва такмили ихтисоси аъзоёни Шурои нозирон, бо назардошти талаботи инфиродии аъзоёни алоҳидаи он, инчунин назорати иҷрои амалии ин барнома;

2.4.9. таҳияи меъёрҳо ва низоми баҳодиҳии самаранокии фаъолият, инчунин гузаронидани баҳодиҳии мунтазами фаъолияти Раиси Раёсат, аъзои Раёсат, роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонк, ки ба Шӯрои нозирон тобеъ мебошанд;

2.4.10. баҳодиҳӣ ва мониторинги мутобиқати сиёсати кадрии Бонк ба стратегия, сохтори ташкилӣ, профили хавфҳои Бонк, натиҷаҳои бадастомада, инчунин талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.4.11. дида баромадани лоиҳаи сохтори ташкилии Бонк барои аник тақсим кардани вазифаҳо ва роҳ надодани бархурди манфиатҳо. Мониторинги мутобиқати сохтори ташкилӣ, вазъи кунунии бозорӣ ва иқтисодӣ, намуди таваккал ва иқтидори молиявии Бонк;

2.4.12. тасдиқи пешакии нишондиҳандаҳои асосии самаранокии фаъолияти Бонк (KPI) барои Раис ва аъзои Раёсати Бонк, кормандони Бонк, ки таъини онхо ба салоҳияти Шӯрои нозирон таалluқ дорад ва ба Шӯрои нозирон тобеъ мебошанд;

2.4.13. ҳар семоҳа баррасӣ намудани ҳисобот оид ба татбиқи сиёсати кадрӣ ва пешниҳоди тавсияҳо ба Шӯрои нозирони Раёсат оид ба татбиқи он;

2.4.14. аз номи Шӯрои нозирон дигар вазифаҳоро дар доираи салоҳияти Кумита иҷро мекунад;

2.4.15. Кумитаи таъинот ва мукофотонӣ оид ба ҳуҷҷатҳои дохилии марбут ба масъалаҳои идоракунии кадрҳоро пешакӣ баррасӣ ва ба Шӯрои нозирон ва/ё Маҷлиси умумии саҳмдорон (тибқи салоҳияти он) пешниҳод менамояд;

2.4.16. мониторинг ва назорати риояи ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ва кормандони он, ки баррасии онҳо ба салоҳияти Кумита дохил мешавад.

## 3. Тартиби ташкили Кумита

**3.1.** Кумита тибқи қарори Шӯрои нозирон (ШН) таъсис ва барҳам дода мешаванд.

**3.2.** Аъзоёни Кумита бо қарори ШН, бо аксарияти овозҳо аз ҳисоби умумии аъзоёни ШН интихоб карда мешаванд, ки дар маҷлис иштирок кардаанд.

**3.3.** Мӯҳлати ваколатҳои аъзоён ва Раисони Кумита бо мӯҳлати ваколатҳои онҳо ба сифати аъзои ШН баробар аст.

**3.4.** Танҳо аъзоёни ШН метавонанд аъзои Кумита бошанд. Ба кори Кумита ба сифати коршиносони бе ҳуқуқи овоз шахсоне ҷалб карда мешаванд, ки дорои дониши кофӣ дар самти молия, кори бонкӣ, технологияҳои информатсионӣ, ҳуқуқ, идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ бошанд. Ҷалби коршиносон бо риояи қоидаҳои Бонк оиди дастрасӣ ба маълумоти хусусияти махфидошта имконпазир аст.

**3.5.** Шахсоне, ки ба ҳайати Кумитаҳо интихоб мешаванд, метавонанд, ба миқдори номаҳдуд аз нав интихоб карда шаванд.

**3.6.** Бо қарори ШН ваколатҳои ҳамаи аъзоён ё аъзоёни алоҳидаи Кумита метавонанд пеш аз мӯҳлат қатъ карда шаванд. Дар ҳолати пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколатҳои аъзои Кумита (аъзоёни Кумита) ШН қарорро дар бораи интихоби аъзои нави Кумита (аъзоёни нави Кумита) ё тасдиқи ҳайати нисбатан хурди миқдории Кумита қабул мекунанд.

## 4. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аъзоёни Кумитаҳо

**4.1. Аъзоёни Кумита ҳуқуқ доранд:**

4.1.1. Маълумоти заруриро дар бораи фаъолияти Бонк гиранд, бо ҳуҷҷатҳои Бонк, аз ҷумла бо ҳуҷҷатҳои хусусияти махфидошта, ки онҳо барои қабули қарорҳои ба салоҳияти Кумита дахлдошта заруранд, шинос шаванд;

4.1.2. Пешниҳодҳои хаттии худро оид ба таҳияи нақшаи кори Кумита ворид кунанд;

4.1.3. Даъвати маҷлиси Кумитаро талаб кунанд;

4.1.4. Тибқи тартиби муқарррарнамудаи Низомнома инъикоси ақидаи махсуси худро оид ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлис ва қарорҳои қабулшаванда талаб намоянд;

4.1.5. Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур масъалаҳоро ба рӯзномаи маҷлиси Кумитаҳо ворид намоянд.

4.1.6. Бо пайнавиштҳои маҷлисҳои Кумита шинос шаванд ва нусхаҳо ё иқтибосҳоро аз онҳо гиранд;

4.1.7. Дар ҳолати набудани имконияти ҳузури шахсӣ дар маҷлисҳои кумитаҳо, бо истифодаи воситаҳои алоқа (конференсияҳо) ширкат варзанд ё ба тариқи хаттӣ ақидаҳоро оиди масъалаҳои баррасишаванда пешниҳод намоянд;

4.1.8. Дар доираи салоҳияти худ ва тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи мазкур дигар ваколатҳоро, ки ШН муайян кардааст, амалӣ гардонанд.

**4.2. Аъзоёни Кумитаҳо ӯҳдадоранд**

4.2.1. Ӯҳдадориҳои худро ба ҳайси аъзои Кумита, поквиҷдонона ва бошуурона иҷро намоянд;

4.2.2. Бахри манфиати Бонк ростқавлона ва бо масъулият амал кунанд;

4.2.3. Барои иҷроиши самараноки ӯҳдадориҳои худ ҳамчун аъзои Кумита, аз ҷумла дар масъалаи омодасозӣ ва иштирок дар маҷлисҳо вақти заруриро ҷудо намояд;

4.2.4. Дар маҷлисҳои Кумита ширкат варзанд ва дар қабули қарорҳои Кумита тариқи овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи маҷлис иштирок намоянд;

4.2.5. Дар ҳолати мавҷудияти бархӯрди манфиатҳо аз рӯи масъалаи муҳокимашавандаи рӯзномаи маҷлис ба дигар аъзоёни Кумита хабар диҳанд;

4.2.6. Талаботҳоро нисбати махфияти маълумот, ки ба фаъолияти онҳо дар Кумита вобаста аст, иҷро намоянд, маълумоти гирифтаро оид ба фаъолияти Бонк истифода ва ба шахсони дигар интиқол нанамоянд. Дастрасии шахсони сеюм ба чунин маълумот метавонад ба Бонк ва обрӯву нуфузи кории он таъсири ҷиддӣ расонад;

4.2.7. Дар раванди амалисозии ӯҳдадориҳои худ талаботҳоеро, ки бо қонунгузории ҷории ҶТ, Оинномаи Бонк, Низомнома дар бораи ШН, Низомномаи мазкур ва дигар хуҷҷатҳои дохилии Бонк муқаррар гаштаанд, иҷро намоянд.

## 5. Раиси кумита

**5.1** Ҳангоми таъсиси Кумита (интихоби аъзоёни онҳо) бо қарори ШН, ҳамчунин Раиси Кумита бо аксарияти овозҳо аз ҳисоби умумии аъзоёни ШН, ки дар маҷлиси ШН иштирок доштанд, интихоб карда мешавад.

**5.2.** Раиси Кумита:

5.2.1. Маҷлисҳои кумитаро даъват мекунад ва дар онҳо раисӣ мекунад;

5.2.2. Шакли баргузорӣ ва рӯзномаи маҷлиси Кумитаро муайян мекунад;

5.2.3. Корҳоро оид ба иҷроиши қарорҳои ШН, ки ба салоҳияти Кумита вогузор гаштаанд, ҳамоҳанг ва таъмин месозад;

5.2.4. Бурдани пайнавиштҳои маҷлиси Кумитаро ташкил менамояд ва ба пайнавиштҳои маҷлис имзо мегузорад;

5.2.5. Ӯҳдадориҳоро байни аъзоёни Кумита, ки бо омӯзиши амиқи масъала ва омодасозии маводҳо барои баррасии маҷлиси кумита алоқамананд, тақсим менамояд;

5.2.6. Мунтазам (на кам аз як маротиба дар се моҳ) ба ШН дар бораи кори иҷрошудаи Кумитаи ба ӯ тобеъ ҳисобот медиҳад;

5.2.7. Дигар вазифаҳои бо Низомномаи мазкур пешбинишударо иҷро менамояд.

## 6. Хадамоти Котиби корпоративӣ

**6.1.** Вазифаи таъмини ташкилӣ ва иттилоотии кори Кумитаро Хадамоти Котиби корпоративӣ иҷро менамояд.

**6.2.** Аз тарафи Хадамоти Котиби корпоративӣ баргузории маҷлисҳои Кумитаҳо омода ва ҳамоҳанг сохта мешаванд ва инчунин дастгирии лозима ба Кумитаҳо пешкаш карда мешавад.

**6.3.** Хадамоти Котиби корпоративӣ аъзоёни Кумитаро дар бораи гузаронидани маҷлисҳо хабардор менамояд, қабл аз маҷлис ба аъзоёни Кумита маводҳоро ирсол менамояд.

**6.4.** Котиби Кумита пайнавишти маҷлиси Кумитаро тартиб медиҳад, ва барои мувофиқа ба Раис ва аъзоёни Кумита ирсол менамояд.

**6.5.** Котиби Кумита иқтибосҳоро аз пайнавиштҳои маҷлисҳои Кумита тасдиқ менамояд.

**6.6.** Хадамоти Котиби корпоративӣ дастгирии ташкилӣ ва техникиро дар масъалаҳои ҳамкории аъзоёни Кумита бо мақомоти идоракунӣ ва шахсони мансабдори Бонк таъмин менамояд.

**6.7.** Хадамоти Котиби корпоративӣ нигоҳдории маводҳо маҷлиси Кумита, инчунин нигаҳдории бюллетенҳои овоздиҳӣ ва пайнавиштҳои маҷлиси Кумитаро таъмин менамояд.

**6.8.** Хадамоти Котиби корпоративӣ дигар вазифаҳоро тибқи Низомномаи мазкур, қарорҳои ШН, Кумита ва супоришҳои Раиси Кумита иҷро менамояд.

## 7. Маҷлисҳои Кумитаҳо

**7.1.** Маҷлисҳои Кумитаҳо аз рӯи зарурат, аммо на кам аз як маротиба дар се моҳ гузаронида мешаванд.

**7.2.** Маҷлисҳо метавонанд дар шакли рӯ ба рӯ (тариқи ҳузури якҷоя) ё ғоибона (бо роҳи овоздиҳии ғоибона) гузаронида шаванд.

**7.3.** Маҷлисҳои рӯ ба рӯи Кумитаҳо ҳамчунин метавонанд бо истифодаи видеоконференсия ё алоқаи телефонӣ гузаронида шаванд. Иштироки аъзои Кумита дар маҷлис бо истифодаи воситаҳои мазкур ба ҳузури шахсӣ баробар карда мешаванд.

**7.4.** Қарор дар бораи гузаронидани маҷлиси Кумита ва шакли гузаронидани он аз ҷониби Раиси Кумита қабул мешавад.

**7.5.** Огоҳинома дар бораи гузаронидани маҷлисҳои Кумита аз ҷониби котиби Кумита ба расмият дароварда шуда, ба ҳамаи аъзоёни Кумита ва иштирокчиёни даъватшуда дар шакли хаттӣ ё электронӣ ирсол карда мешавад.

**7.6.** Огоҳинома оиди гузаронидани маҷлис бояд чунин маълумотро доро бошад:

- шакли гузаронидани маҷлис;
- сана, вақт ва макони гузаронидани маҷлис (ҷамъбасти натиҷаҳои овоздиҳии ғоибона);
- рӯзномаи маҷлис;
- маводҳо оид ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлис.

**7.7.** Огоҳинома дар бораи гузаронидани маҷлисҳои навбатии Кумита бо замимаи маводҳои рӯзномаи маҷлис ба ҳар як аъзои Кумита ва иштирокчиёни даъватшуда дар мӯҳлати на кам аз 5 (панҷ) рӯз то гузаронидани маҷлис ирсол карда мешаванд.

**7.8.** Рӯзномаи маҷлиси Кумита метавонад бо қарори раиси Кумита дар асоси пешниҳодҳои аъзоёни Кумита (аз он ҷумла Раиси Кумита), Раиси Раёсати Бонк, Раис ва аъзоёни ШН тағйир дода шавад, аммо чунин тағийрот бояд дар мӯҳлати на кам аз 1 (Як) рӯзи корӣ то санаи баргузории маҷлис ворид карда шавад. Дар ин ҳолат ба аъзоёни Кумита ахборот фиристода мешавад, ки он бояд маълумотро дар бораи тағйиротҳои воридшаванда ба рӯзномаи маҷлис, инчунин маводҳоро оид ба масъалаҳои иловашудаи рӯзномаи маҷлис дошта бошад.

**7.9.** Дар ҳолати имконнопазир будани гузаронидани маҷлис тибқи вақти дар огоҳинома пешбинишуда, бо қарори Раиси Кумита маҷлиси Кумита мавқуф гузошта мешавад.

**7.10.** Маҷлиси Кумита ҳамон вақт салоҳиятнок (мавҷудияти кворум) ҳисоб мешавад, ки агар дар он аз нисф зиёди аъзоёни Кумита ҳузур дошта бошанд. Дар ҳолати мавҷуд набудани кворум, маҷлиси Кумита ба рӯзи дигар гузаронида мешавад.

**7.11.** Ҳар як аъзои Кумита ҳуқуқи як овозро доро мебошад. Додани ҳуқуқи овози худ аз ҷониби як аъзо ба аъзои дигари Кумита имконнопазир аст.

**7.12.** Ҳамаи қарорҳо бо аксарияти овозҳо, аз ҳисоби аъзоёни дар маҷлиси Кумита иштирокдошта қабул карда мешаванд. Ҳангоми баробарии овозҳо, овози Раиси Кумита ҳалкунанда аст. Дар ҳолати муваққатан ҳузур надоштани Раиси Кумита ва иҷро кардани вазифаҳои ӯ аз тарафи аъзои дигари Кумита, овози охирон, ҳангоми баробарии овозҳои аъзоёни Кумита, ҳалкунанда нест.

**7.13.** Аъзоёни Кумита ҳуқуқ надоранд, ки аз овоздиҳӣ худдорӣ намоянд, ба истиснои ҳолатҳои маъқул донистани аҳдҳо, ки нисбати бастани онҳо манфиатдории аъзоёни Кумита мавҷуд аст. Аъзои манфиатдори Кумита дар овоздиҳӣ ширкат намеварзад ва қарор бо аксарияти овозҳои аъзоёни Кумита, ки дар бастани чунин аҳд манфиатдор нестанд, қабул

карда мешаванд. Агар миқдори аъзоёни манфиатдори Кумита аз миқдори кворуми тибқи Низомнома пешбинигардида кам бошад, он гоҳ масъала бо риояи қоидаҳои пешбининамудаи Низомнома «Дар бораи Шӯрои нозирони ҶСК «Бонки Эсхата» барои баррасӣ ба Шӯрои нозирон пешниҳод карда мешавад.

**7.14.** Дар рафти қабули қарор, аъзоёни Кумита метавонанд ақидаҳо, пешниҳодҳо ва ризоияти худро дар шакли электронӣ баён намоянд.

**7.15.** Дар маҷлисҳои Кумитаҳо танҳо масъалаҳои рӯзномаи маҷлис баррасӣ гашта метавонанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар қарор дар бораи ворид намудани иловаҳо ба рӯзномаи маҷлис (ё тағйир додани масъалаҳои рӯзномаи маҷлис), бо як овоз аз ҷониби ҳамаи аъзоёни дар маҷлиси Кумита иштирокдошта қабул шуда бошад. Қарор дар бораи хориҷ кардани масъалаи рӯзномаи маҷлис метавонад аз ҷониби аъзоёни Кумита, дар рафти маҷлис қабул карда шавад. Қарори зикршуда бо аксарияти овозҳо аз ҳисоби аъзоёни дар маҷлиси Кумита иштирокдошта қабул мешавад.

**7.16.** Пайнавиштҳои маҷлисҳои Кумита аз ҷониби котиби Кумита дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи корӣ, пас аз гузаронидани маҷлис ба расмият даровarда мешаванд, бо аъзоёни Кумита мувофиқа карда мешаванд, инчунин аз ҷониби Раис ва Котиби Кумита имзо карда мешаванд.

**7.17.** Тавсияҳои Кумита ба маълумоти ШН тариқи додани ҳисобот оид ба корҳои иҷрошудаи Кумита ё пешниҳоди иқтибос аз пайнавишти маҷлиси Кумита дар таркиби маводҳои ба маҷлиси ШН интиқолшаванда расонида мешаванд, ки рӯзномаи маҷлиси он масъалаи дахлдорро дар бар мегирад. Тавсияҳои Кумита оид ба масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси ШН, ба матни пайнавишти маҷлиси ШН ҳамроҳ карда мешаванд.

**7.18.** Раиси Кумита барои сари вақт ва пурра расонидани тавсияҳои Кумита ба маълумоти аъзоёни ШН масъул аст.

## 8. Муқаррароти хотимавӣ

**8.1.** Низомномаи мазкур, инчунин тагйироту иловахо ба он аз чониби Шурои Нозирони Бонк тасдик карда мешаванд.

**8.2.** Агар дар натиҷаи тағйирот ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Оинномаи Бонк муқаррароти Низомномаи мазкур ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Оинномаи Бонк мухолиф бошад, мутобиқан меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) Оинномаи Бонк татбиқ карда мешаванд.

**8.3.** Низомномаи мазкур, агар аз талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре барнаояд ё аз зарурати корӣ барнаояд, на камтар аз як маротиба дар ду сол бояд аз нав дида баромада шавад.

Аз рӯзи дар таҳрири нав (таҳрири 01) мавриди амал қарор гирифтани Низомномаи мазкур, банди 9-и Низомнома дар бораи Кумитаҳои Шӯрои Нозирони ҶСК "Бонки Эсхата" Н-109:2022 (таҳрири 03), ки мувофиқи пайнавишти маҷлиси Шӯрои Нозирон №04 аз 18.02.2022 тасдиқ шудааст, беэътибор дониста шавад.